# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-066-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (Phd)- ДОКТОР АЗ РУЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №__**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз «18» апрели соли 2026, таҳти №33**

Барои сазовор донистани Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология.

Диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи **«Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301–Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, санаи 06-уми феврали соли 2026, суратмаҷлиси № 30 аз ҷониби шурои диссертатсионии **6D.КОА-066-и** назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.07.2024 с., №223) ба ҳимояи қабул карда шудааст.

Довталаб Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил, соли таваллудаш 1992, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси “психолог” хатм намудааст. Солҳои 2014-2016- зинаи магистратураи донишгоҳи мазкурро хатм намуда, аз соли 2017 то соли 2021 бошад ба ҳайси докторанти (Phd) Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Айни замон ба ҳайси сармушовири академии факултети забон ва адабиёти русӣ Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият менамояд. Дар давраи докторанти диссертатсияи номазадии худро дар мавзӯи **«Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои**

**эмотсионалии наврасон»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301–Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология омода намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 13-уми декабри соли 2017, суратмаҷлиси №4 ва қарори Шурои олимони факултети фалсафаи ДМТ аз 21-уми декабри соли 2017, таҳти №6 зери унвони «Омилҳои психологии тараққиёти зеҳнӣ ва шахсияти хонандаҳо дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои таълимӣ» зери роҳбарии доктори илмҳои психологӣ, профессор Атахонов Р. тасдиқ гардид. Сипас, бо назардошти шиносномаи ихтисосҳо, Низомномаю дастурамал ва шуроҳои амалкунандаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ивази мавзуи муҳаққиқ сурат гирифт. Дар асоси аризаи докторанти Бобобекзода Меҳроҷидин ва розигии Раёсати донишгоҳ соли 2018 роҳбари диссертант ва ивази мавзуи муҳаққиқ сурат гирифт. Яъне, мавзуи рисолаи илмии Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар ҷаласаи кафедраи зикргардида аз 5-уми декабри соли 2018, суратмаҷлиси №05 ва ҷаласаи Шурои олимони факултети фалсафа аз 12-уми декабри соли 2018, суратмаҷлиси №5 , ки бо номи «Омилҳои психологии тараққиёти зеҳнӣ ва шахсияти хонандаҳо дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои таълимӣ» ба «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» иваз ва тасдиқ гардид.

**Роҳбари илмӣ:**

**Шарипова Мадина Ёдгоровна** – номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**- Назаров Акмал Мардонович** – доктори илмҳои психологӣ, профессори кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро.

**- Зайтметов Хусайн Авасхонович-** доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Тураев Ё. омода карда шуда, дар семинари васеъи илмӣ-назариявии кафедраҳои психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо роҳбарии раиси машварати илмӣ-методӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент С.М. Саидмирова имзо гардида ва аз ҷониби ректори ҳамин донишгоҳ Ибодуллозода А.И. доктори илмҳои таърих, профессор тасдиқ шудааст.

Дар тақризи худ қайд менамоянд, ки диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» ба бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мебошад

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда, он чиз ба асос гирифта шудааст, ки аз рӯйи ихтисоси психология корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил алоқамандӣ доранд.

Довталаб 8 маводи чопӣ дорад, ки аз инҳо 4-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Мақолаҳои чопшудаи муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**А.Интишорот дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Бобобекзода, М.А. Таҳлили роҳёфтҳои илмии омӯзиши инкишофи психофизиологӣ дар синни наврасӣ / М. А. Бобобекзода // Паёми Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – №3 (32), – 2019. – С.89-95.

[2-М] Бобобекзода, М.А. Аксуламалҳои психологии наврасон ба талоқи волидайн / М. А. Бобобекзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – №3 (48), – 2025. – С.76-81.

[3-М] Бобобекзода, М.А. Талоқ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-психологӣ / М. А. Бобобекзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. №2 (50), 2025. -С.98-103.

[4-М] Шарипова М.Ё., Бобобекзода, М.А. Исследование влияния развода на эмоциональное состояние подростков / М.Ё. Шарипова, М.А. Бобобекзода // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – №3 (51), – 2025. – С.93-101.

**II. Маводи дар маҷаллаю нашрияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ чопшуда:**

[5-М] Бобобекзода, М.А. Ҳолатҳои эмотсионалӣ ҳамчун зуҳуроти психологӣ / А.М. Бобобекзода // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Илми тоҷик: имрӯз ва фардои он» бахшида ба рӯзи илми тоҷик ва солҳои рушди иқтисодӣ ва инноватсия». ш. Хуҷанд, 25 апрели соли 2025.

[6-М] Бобобекзода, М.А. Хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон / А.М. Бобобекзода // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Илми тоҷик: имрӯз ва фардои он» бахшида ба рӯзи илми тоҷик ва солҳои рушди иқтисодӣ ва инноватсия». ш. Хуҷанд, 25 апрели соли 2025.

[7-М] Бобобекзода, М.А. Исторический взгляд на использование психологических знаний в области семейных отношений / М.А. Бобекзода // Криминалистика в международном измерении:

Материалы всероссийской научно-практической конференции с международным участием, Москва, 21 апреля 2023 года. – М: Московская академия следственного комитета, 2023. – С. 196-201. – EDN KPXZZE.
[8-М] Маҳмудов Ш., Бобобекзода, М.А. Худбаҳодиҳӣ ва дараҷаи иддао дар занҳои талоқшуда / Ш. Маҳмудов, А.М. Бобобекзода // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Масъалаҳои хушунат ва роҳҳои пешгирии он». ш. Душанбе, 2025. – С. 72-75.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

**Сафаралиев Б.С.** доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд. Тақриз эрод надорад.

**Изатова М.И.** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ . Дар тақриз навиштаи худ қайд мекунанд, ки дар автореферати мазкур ба зами муваффақият ва пешравиҳои илмӣ баъзе камбудиҳои ҷузъи ба монанди хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад.

**Холиқзода Х.Х.** номзади илмҳои психологӣ, ходими калони илмии шуъбаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдаздипломии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Дар тақриз чунин эрод вуҷуд дорад: дар баробари ин бартариҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ҷой доранд. Матни автореферати диссертатсия ба ислоҳи баъзе хатоҳои имлоӣ, китобатӣ, саҳви техникии компютерӣ ниёз дорад. Бартараф намудани онҳо мувофиқи мақсад аст.

**Гудзовская А.А.** номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ Донишгоҳи миллӣ таҳқиқотии Самара ба номи С.П.Каралева. Тақриз эрод надорад.

Бо вуҷуди ин ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

– дар шароити Тоҷикистон бори нахуст аз ҷиҳати эмпирикӣ таъсири манфии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон ошкор гардид;
– таҳлили тафриқавии хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои пурра ва нопурра гузаронида шуд;
– алоқамандии (таносуб) фаҳмиши худи тарбия аз ҷониби наврасон ва хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон муайян гардид;
– таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои нопурра вобаста ба хусусиятҳои гендерӣ муайян гардид.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Эътимоднокӣ ва дурустии натиҷаҳои бадастомада тавассути коркарди омории додаҳо, натиҷаҳои ташхис бо истифода аз бастаи барномаи таъминотии SPSS 13.0 таъмин карда шуданд. Барои коркарди маълумотҳои эмпирикӣ усулҳои муосири омори математикӣ истифода шуданд, ба монанди: муқоисаи арзишҳои миёна бо истифода аз t-test Student, корреляция ва таҳлили омилҳо.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.1. 1 – психологияи умумӣ, психологияи шахс ва таърихи психология, аз ҷумла ба банди 15 «Интиқоли ҳолати эмотсионалӣ. Ташхиси ҳолати эмотсионалӣ. Ташхиси ҳолати аффект. Бошиддатии эмотсионалӣ, фрустратсия, стресс. Аксуламал ба фрустратсия. Психологияи ҳиссиёт.

Психологияи азсаргузаронихои таассуротхо» шиносномаи ихтисоси болозикр мувофикат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарачаи илмӣ дар таҳқиқот**.

Саҳми шахсии довталаб аз муайян намудани максад, вазифахо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натичаи тахкикоти мустақилонаи довталаб маҳсуб меравад.

Шурои диссертатсионӣ дар мачлиси худ аз санаи 18-уми апрели соли 2026 қарори сазовор донистани Бобобекзода Мехрочиддини Абдучалилро дар мавзуи **“Таъсири психологии талоқ ба зохиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон”** ки барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ___14___ нафар иштирок доштанд, аз чумла докторони илм ___3___ нафар наздик ба ихтисоси диссертатсия. Аз ___16___нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор ___14___ нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Н.М. Юнусова**

**Котиби шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои психологӣ, дотсент** **З.Р.Сафарзода**

**18.04.2026**